Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак,
шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 8)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмии профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Амонова Дилбар Субҳоновна ба диссертатсияи Искандарзода Ҳофиз Ҳаким дар мавзуи «Такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент).**

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм.

Диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳод карда шуда ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) ҷавобгӯ мебошад: 1. Коркарди проблемаҳои илми идоракунӣ ва методҳои маърифати он. Ақидаҳои назариявӣ нисбат ба табиат, моҳият ва инкишофи идоракунӣ. Самтҳои муосири коркардҳои назариявию методологӣ дар соҳаи идоракунӣ. Асосҳои мавзуӣ ва байнифаннии идоракунӣ. 19. Кадрҳои идоракунӣ: нақш ва мақоми онҳо дар низоми идоракунӣ. Ташаккул, омодасозӣ ва густариши кадрҳои идоракунӣ. Идоракунии сатҳи касбӣ-вазифавӣ ва пешравии касбӣ-вазифавии кадрҳо. Методҳои ҳавасмандгардонии менеҷерони зинаи олӣ. 20. Идоракунии захираҳои инсонӣ ҳамчун намуди вижаи фаъолияти касбӣ: мақсад, усул (принсипҳо), таҳаввулоти равишҳо. Моҳияти масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии идоракунии ҳайати корхонаҳо ва ташкилот. Салоҳиятнокии ҳайати шахсӣ ва салоҳиятнокии ташкилот. Сиёсати кадрӣ: таҳия ва татбиқ. Инноватсия ва ташкили фаъолияти меҳнатӣ ва идоракунии ҳайати шахсӣ. Ташкил ва амалисозии корҳо оид ба идоракунии ҳайати шахсӣ.

## Мубрамияти мавзуи диссертатсия.

Бояд қайд намуд, ки яке аз масъалаҳои мубрами иқтисодӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодӣ такмили идоракунии сармояи инсонӣ буда пойдевори асосии иқтисодиёт househ дониста шуда, рушду инкишофёбии онро таъмин менамояд. Дар баробари ин, сармояи инсонии ташаккулёфта ва мунтазам инкишоф ёбанда, зиндагонии солимро ба аъзоёни ҷомеа таъмин намуда, такрористеҳсолшавии насли

ояндаро таъмин менамояд. Дар навбати худ, тавлиди насли солим аз нуқтаи назари иҷтимоӣ-иқтисодӣ миллати солимро таъмин намуда, такрористеҳсолшавии ҷомеаи бомаърифатро таъмин менамояд. Аз ин лиҳоз, рушди иқтисодиёт дар шароити муосир аз тавонмандии ин сармояи муҳими ҷамъиятӣ вобаста буда, такмилёбии доимии онро тақозо менамояд.

Дар даҳсолаҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ доири ин масоил чораандешиҳои зиёде гузаронида шуда, такмилдиҳии доимии он ва самаранок идора кардани тавонмандии он ба роҳ монда шудааст.

Ҳамзамон, Ҳукумати кишвар такмили идоракунии самараноки сармояи инсониро мавриди таҳлилу таҳқиқи доимии худ қарор дода, ислоҳотро дар низоми маориф ва илм, таҷдиди соҳа ва зерсохторҳои хизматрасони онро ба роҳ монда, ҳамоҳангии фаъолиятҳоро бо назардошти бозори меҳнат ва бозори хизматрасонии таълимӣ, танзими муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ татбиқ намуда барнома ва стратегияи мақсаднокеро дар асоси принсипи ҳалли маҷмӯи вазифаҳои рушди сармояи инсонӣ, сифати зиндагӣ ва дар баробари инҳо фароҳам овардани шароитҳоро барои ташаккули донишҳои иқтисодӣ роҳандозӣ менамояд. Бояд қайд намуд, ки дар Тоҷикистон ба тарбия, таълим, ихтисосмандӣ ва зеҳнияти баланди касбии кормандон диққати махсус дода мешавад, чунки ин марҳилаҳо аслан бо якдигар пайваст буда, рушду ташаккулёбии сармояи инсониро нишон медиҳад.

Дар асоси гуфтаҳои дар боло, қайд намудан бамаврид аст, ки мубрамияти масъалаҳои баррасишаванда интихоби мавзуи кори диссертатсионии Искандарзода Ҳ.Ҳ., муҳиммияти коркарди асосҳои назариявию методологии такмили идоракунии сармояи инсониро вобаста ба шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир ва инчунин тавсияҳои амалии мукамалгардонии онро тасдиқ менамояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба даст омада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.**

Дараҷаи навгонии илмии таҳқиқот бо асоснокгардонии ҷанбаҳои назариявӣ-методологӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир ифода меёбад. Натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки навгонии илмии онро муайян мекунанд, фарогири нуқтаҳои зерин мебошанд:

1. Дар диссертатсия ғояҳои илми иқтисодӣ ва сарчашмаҳои асосии равишҳои консептуалӣ-назариявии сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии

он мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Асоснок карда шудааст, ки ҷомеаи муосир ба марҳилаи нави рушди иқтисодиёт ҳаракат мекунад ва қувваи пешбарандаи онро сармояи инсонӣ (бунёди донишҳои нави иқтисодӣ, самаранок истифодабарию идоракунии онҳо) ташкил менамояд. Инчунин, дар диссертатсия назарияҳои муҳаққиқон ва коршиносони соҳа ба инобат гирифта шуда, фаҳмиши муаллифии сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии он пешниҳод карда шудааст. Мувофиқ ба дарку фаҳмиши муаллифи диссертатсия, сармояи инсонӣ маҷмуи қобилиятҳо, донишҳо, таҷрибаҳо, иқтидорҳо, сармояҳо, саломатӣ, ҳаракатҳо, ҳавасмандиҳо, кӯшишҳо ва ояндабиниҳо ба фаъолият дониста мешавад, ки дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт сармояи асосии инсони комил ба ҳисоб меравад. Ин сармояи бузург ояндаи шахс, оила ва ҷамъиятро нишон медиҳад. Унсурҳои асосии сармояи инсонӣ: иқтидори инсонӣ, дараҷаи маълумотнокӣ, сатҳи саломатӣ, қувваи ҷисмонӣ, қобилиятҳои модарзодӣ, донишҳои касбӣ-тахассусӣ, иқтидори соҳибкорӣ, сатҳи ҳавасмандӣ, моликияти зеҳнӣ, сармояи оилавӣ, таҷрибаи истеҳсолӣ ва маҳорати ташкилӣ дониста мешаванд.

2. Воситаҳо, усулҳо, ниҳодҳо, сарчашмаҳо ва доираҳои рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ вобаста ба инобатгирии талаботҳои иҷтимоию инноватсионии иқтисодиёти муосир муайян карда шудаанд. Ҳангоми таҳқиқ ошкор гардидааст, ки ташаккулёбии сармояи инсониро дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт ниҳодҳои асосии он таъмин намуда, талаботҳои инноватсионии иқтисодиёти муосир онро раҳандозӣ менамояд. Иқтисодиёти муосир ба донишҳои мутахассисони тахассусманд, эҷодкор ва кашфиётҳои онҳо такя менамояд. Аз ин нуқтаи назар, собит карда шудааст, ки фикррони, навоварӣ, ҷоринамоӣ, назоратнамоӣ ва фоидагирӣ марҳалаҳои асосии ин иқтисодиёт дониста мешаванд.

3. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ равишҳои методологии идоракунии сармояи инсонӣ таҳқиқ гардида, истифодабарии усулҳои арзёбии сифатии он муайян карда шудаанд. Асоснок гардидааст, ки маҷмӯи донишҳои муосир, қобилият, малака ва таҷрибаи андӯхташуда, на танҳо омили ба вуҷуд оваранда, балки идоракунанда ва истифода барандаи самараноки онҳо дониста мешавад. Маълумотнокӣ ҳамчун ҷузъи сармояи инсонӣ дониста шуда, хусусиятҳои хоси он пешниҳод карда шудаанд. Ҳамзамон, қайд гардидааст, ки аз худ намудани донишҳои муосир боиси боз ҳам саҳеҳтар гардидани нақши сармояи инсонӣ дар рушди иқтисодиёт мегардад.

4. Дар раванди таҳқиқ таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун асоси рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар менеҷменти муосир баррасӣ гардида, муайян карда шуд, ки маълумотнокии инсон, бахусус маълумоти олии касбӣ, ки бештар ба раванди истеҳсолот наздикӣ дорад, дар рушди иқтисодиёти кишвар нақши муассир дорад. Рушду тавсеаи иқтисодиётро сармояи инсонии ташаккулёфта таъмин намуда, боиси самаранок истифодабарии захираҳои маҳдуди иқтисодӣ ва истеҳсоли молу маҳсулоти босифат мегардад. Ҳамзамон, дар диссертатсия равиши муосиртарини омоданамоии мутахассисонро вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва ҳамбастагии он бо талаботҳои истеъмолии аҳолӣ пешниҳод гардидааст.

5. Омӯзиши тамоюли рушди иқтидори кадрӣ ва таҳлили омилҳою унсурҳои самаранок истифодабарии он дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ баррасӣ гардида, хусусиятҳои тавсифии омоданамоии кадрҳо мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат пешниҳод карда шудаанд. Ҳамин тариқ, муайян карда шуд, ки робитаи мустақим байни низоми маориф, илм ва раванди истеҳсолот дар як низоми муайяни инноватсионӣ ба роҳ монда шуда, омоданамоии мутахассисони дорои дониши муосирро талаб менамояд. Барои ин пешниҳод карда мешавад, ки омоданамоии мутахассисон дар ин шароит мувофиқ ба талаботи замон ба роҳ монда шавад.

6. Дар диссертатсия омӯзишу аз худ намудани таҷрибаи хориҷӣ оид ба рушду такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти муосир муҳим арзёбӣ гардидааст. Истифодаи таҷриба, таҳлил, таҳқиқ ва баррасии он яке аз меъёрҳои иҷрои корҳои таҳқиқотӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, омӯзиши таҷрибаи пешқадам яке аз роҳҳои расидан ба ҳадафи гузошташуда маҳсуб меёбад. Таҷрибаи давлатҳои тараққӣ кардаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ нисбат ба дигар сармоягузориҳо манфиати бештар ба бор меорад. Дар иртибот ба ин, яке аз роҳҳои расидан ба рушди комили иқтисодӣ дар доштани мутахассисони халлоқ ва эҷодкор дониста мешавад. Вобаста ба ин пешниҳод карда мешавад, ки таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон аз худ карда шуда, истифодаи яке аз ин таҷрибаҳо оид ба рушди сармояи инсонӣ ба манфиати ҷомеа хоҳад буд.

7. Риштаҳои муосири омоданамоии мутахассисон дар кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон таҳқиқ карда шуда, зимнан муайян карда шуд, ки вобаста ба рушди босуръати техникаю технологияҳо ва тағйир ёфтани талаботҳои истеъмолии аҳолӣ зиёда аз 50 фисади касбҳо нуфузу эътибори худро аз даст дода, шакли навро гирифтаанд ва ё умуман аз

байн рафтаанд. Тибқи пешгӯиҳо, дар баробари гузаштан ба силсилаи нави технологӣ риштаҳои амалкунанда то соли 2050-ум пурра шакли муосирро мегиранд. Бинобар ин пешниҳод карда мешавад, ки ин таҳдидҳо ба инобат гирифта шуда, рушду такомули сармояи инсонӣ мувофиқ ба талаботҳои ҷомеаи муосир ва дурнамои рушди иқтисодиёт таъмин карда шаванд.

8. Вазъи маълумотгирии олии касбӣ, ҳолати бозори меҳнат, сатҳи даромад ва зиндагонии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, муайян карда шуд, ки дониш ба унвони нерӯи асосии сармояи инсонӣ ва тавлидкунандаи идеяҳои инноватсионӣ арзёбӣ мегардад. Идеяҳои инноватсионӣ боиси рушду тавсеаи иқтисодиёти муосир гардида, барои ба даст овардани даромад, таъмин шудан бо ҷойи кор ва беҳтар гардидани сатҳи зисту зиндагонӣ мусоидат мекунад. Пешниҳод карда мешавад, ки раванди мазкур дуруст таҳлилу арзёбӣ карда шуда, ба навоварӣ, эҷодкорӣ, ихтироот ва аз ҳама муҳим ба масъалаи роҳандозии истеҳсоли молу маҳсулотҳои ватанӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад.

9. Дар диссертатсия самтҳои муосири рушд ва инкишофёбии сармояи инсонӣ вобаста ба дигаргуншавии муносибатҳо дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт асоснок гардида, муайян карда шуд, ки рушди устувори иқтисодиёт бо рушди сармояи инсонӣ, таъмини шуғли самаранок ва ташаккули рақобатпазирии истеҳсолот алоқамандии зич дорад. Самтҳои асосии рушд ва инкишофдиҳандаи сармояи инсонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар дуруст ба роҳ мондани низоми муосири таълимӣ, муҷаҳҳазгардонии муҳити таълимӣ ҳамчун асоси таҳсилоти босифат, азхудкунии муосиртарин донишҳо, ҳамбастагии ҷараёни таълим бо раванди истеҳсолот ва дигар фаъолиятҳо дониста мешавад. Вобаста ба ин, аз ҷониби муаллиф амсилаи кластери таълимӣ оид ба рушди сармояи инсонӣ пешниҳод гардидааст, ки он дарбаргирандаи рушди сармояи инсонӣ + таъмини шуғли самаранок + ташаккули рақобатпазирии истеҳсолотро фаро мегирад.

10. Хусусиятҳои хоси идоракунии стратегии кормандон дар асоси тағйирёбии моҳияти сармояи инсонӣ ва низомҳои муосири таълимӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, муайян карда шуд, ки идоракунии стратегии кормандон дар менеҷменти муосир вобаста ба шароитҳо ва тағйироту дигаргуниҳое, ки ҷараёни истеҳсолиро фаро гирифтаанд, мазмун ва мундариҷаи худро дигар карда, фаъолият намудан бо техникаю технологияи муосирро ҳамчун равиши навини омодасозии кадрҳои асри XXI талаб менамояд. Ҳамзамон, муаллифи диссертатсия

таъминамоии кадрҳоро яке аз самтҳои асосии рушди менеҷменти муосир дониста, пешниҳод менамояд, ки механизми мотиватсионии таъминамоии кадрҳо яке аз муосиртарин роҳҳои таъмини корхона бо беҳтарин кормандон дониста мешавад. Вобаста ба хусусиятҳои хоси менеҷмент ва рушдёбии техникаю технологияҳои истеҳсолӣ, низоми таълимӣ бояд дар асоси муосиртарин амсилаҳои таълимӣ ба роҳ монда шавад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Диссертатсия аз иборахои кӯтоҳ карда шудаи таркибӣ, муқаддима, панҷ боб, понздаҳ зербоб, хулоса ва пешниҳодот, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия иборат аст. Матни асосии таҳқиқот дар 355 саҳифаи компютерӣ оварда шуда, дар худ 33 ҷадвал, 11 расм ва 12 диаграммаро ҷамъ овардааст. Рӯйхати адабиёт аз 318 номгӯй иборат аст.

**Мукаддима** мубрамияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзӯъҳои илмӣ, ҳадаф ва вазифаи таҳқиқот, объект, предмет, фарзия, асоси назариявию методологӣ, сарчашмаи маълумот, усулҳо ва пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ, методологӣ ва амалии таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаб, тавсиб ва амалисозии натиҷаҳо, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми онро дар бар мегирад (с.5-23).

Боби аввали кори диссертатсионӣ **«Асосҳои назариявӣ-консептуалии идоракунии сармояи инсонӣ»** номгузорӣ шуда ба омӯзиш ва дида баромадани назарияи сармояи инсонӣ ва муҳтавою мундариҷаи он дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт, накш ва аҳаммияти сармояи инсонӣ дар рушди идоракунии иқтисодиёти муосир ва инчунин рушди идоракунии сармояи инсонӣ ва иқтисоди донишҳо дар менеҷменти касбии асри XXI бахшида шудааст (с.24-74).

Аз ҷумла, дар ин боб муаллиф дар баробари таҳлилу баррасиҳои зиёди илмӣ қайд менамояд, ки сармояи инсонӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ накши бағоят муҳимро дар рушди иқтисодиёт иҷро менамояд ва барои ҳамин ҳам такмили инкишофдиҳӣ ва самараноктар идора кардани онро яке аз вазифаҳои муҳим ва асосӣ мешуморад. Ба ақидаи унвонҷӯ, рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ дар азхуднамоии донишҳои нави иқтисодӣ, доштани зеҳниятҳои тавонманди касбӣ ва истеъдоди созандагии онҳо таҷассум мeёбад. Дар натиҷаи таҳлилу баррасиҳои зиёди илмӣ, муаллиф дар зери

мафҳуми сармояи инсонӣ маҷмӯи қобилиятҳо, донишҳо, таҷрибаҳо, иқтидорҳо, сармояҳо, саломатӣ, ҳаракатҳо, ҳавасмандиҳо, кӯшишҳо ва ояндабиниҳо ба фаъолиятро дар назар дорад, ки дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт, мояи асосии инсони комил буда ояндаи шахс, оила ва ҷамъиятро нишон медиҳад (с.24-30, ҷадв.1.1). Дар ҳамин ҷо ба нақш ва аҳаммияти сармояи инсонӣ, аҳамияту муҳиммияти он дар рушди иқтисодиёти инноватсионӣ маълумотҳои муфассалеро пешниҳод намуда, мавқеи онҳоро дар рушду инкишофёбии иқтисодиёти муосир шарҳу тавзеҳ додааст (с.41- 59). Оиди рушди идоракунии сармояи инсонӣ ва иқтисоди донишҳо дар менеҷменти касбии асри XXI муаллиф қайд менамояд, ки ҳамасола дар ҷаҳон маҳз ба хотири афзоиши техника ва технологияи навини истеҳсолӣ ва бухронҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷаҳонӣ зиёда аз 15-20 миллион нафар кормандон ҷойҳои кории худро аз даст медиҳанд (с.66) ва вобаста ба ин масоилҳо, проблемаҳои дуруст идора кардани тавонмандии сармояи инсонӣ яке аз масъалаҳои доғи рӯз ба ҳисоб рафта, тадбирҷуиҳои нав ба навро мувофиқ ба талаботи замон талаб менамояд (с.67-74).

Боби дуввуми диссертатсия **«Равишҳои методологӣ ва усулҳои арзёбии ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт»** ба дида баромадани методологияи идоракунии сармояи инсонӣ ва равишҳои арзёбии он дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт муайян ва инчунин таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун асоси такомулёбии сармояи инсонӣ дар менеҷменти муосир бахшида шуда, дар ҳамин ҷо хусусиятҳои тавсифии омоданамоии кадрҳо мувофиқ ба талаботи иқтисоди рақамӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст (с.75-126).

Чуноне, ки муаллиф дар зерқисмати аввали боби дуюм қайд менамояд, шароити муосир дигаргуниҳои ҷиддиро дар назария ва методологияи сармояи инсонӣ ба вуҷуд овардааст ва доим дар ташаккул буданашонро талаб менамояд. Аз ин лиҳоз, муаллиф оид ба низоми арзёбии сармояи инсонӣ, паҳлуҳои асосии он ва равишҳои муосири усулҳои арзёбии он таҳқиқотҳои муфассалро анҷом дода равиши муаллифии усули арзёбии сармояи инсониро бо назардошти маълумотгирии инсон ва давраҳои ташаккулёбии он пешниҳод намудааст (с.75-92). Баъдан муаллиф ба таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун асоси такомулёбии сармояи инсонӣ дар менеҷменти муосир назар намуда, онро ҳамчун асоси сармояи инсонӣ ва такомулёбӣ дар шароити муосири иқтисодӣ донистааст. Ҳамзамон, дар ин зерқисмат, муаллиф оид ба консепсияи классикии сармояи инсонӣ, давраҳо ва маҳакҳои арзёбии

он, алоқамандии раванди таҳсилот, истеҳсолот, истеъмолот ва омилҳои ба онҳо таъсиррасон, самтҳои асосии таҳсилоти олӣ дар рушди ҷомеа ва нишондиҳандаҳои он дар ташаккули манфиатҳоро дида баромадааст (с.92-111). Оиди хусусиятҳои тавсифии омоданамоии кадрҳо мувофиқ ба талаботи рушди иқтисоди рақамӣ муаллиф маълумотҳоро тавсифу баррасӣ намуда, ба инобатгирии муҳити имрӯзаро асоси омоданамоии мутахассисон медонад. Ба ақидаи ӯ, иқтисоди рақамӣ дар доираи муносибатҳо тағйиротҳо ворид намудааст, натиҷаи ниҳоии онро дар самараноктар истифодабарии захираҳои маҳдуди иқтисодӣ медонад. Барои ҳамин ҳам муаллиф хусусиятҳои хос ва фарққунандаи иқтисоди рақамӣ, ҷараёни омоданамоии кадрҳоро дар ин шароит ва робитаи мустаҳками низоми маориф ва илмро бо назардошти рушди идоракунии инноватсионии иқтисодиёт мавриди омӯзиш қарор додааст (с.111-126).

Дар боби сеюм **«Таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон оид ба самаранок истифодабарии сармояи инсонӣ ва омоданамоии мутахассисон дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ»** сармоягузорӣ ба маълумотгирӣ ҳамчун омили ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар низоми идоракунии иқтисодиёти ҷаҳонӣ дониста шуда, арзёбии таҷрибаи давлатҳои хориҷ оид ба рушди маълумотгирии касбӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт таҳқиқ гардида, риштаҳои муосири омоданамоии мутахассисон дар кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон таҳлил карда шудаанд (с.127-175).

Ҳамзамон, муаллиф дар ин боб сармоягузорӣ ба маълумотгириро ҳамчун омили ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар низоми идоракунии иқтисоди ҷаҳонӣ дониста, манфиатнокии бештари онро нисбат ба дигар сармоягузориҳо дида баромадааст ва алалхусус муҳимтарин манбаҳои маблағгузории низоми маориф, тағйирёбии сарчашмаи молиягузорӣ ба таҳсилоти олӣ ва моделҳои дастгирии молиявии таҳсилоти олиро дар низоми идоракунии иқтисоди ҷаҳонӣ таҳқиқу баррасӣ намудааст (с.127-143). Ӯ ба арзёбии таҷрибаи давлатҳои хориҷ оид ба рушди маълумотгирии касбӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт диққати махсус дода, нишондиҳандаҳои мушаххаси муайян намудани сармояи инсонӣ, шохиси ҷаҳонии рушди инсонӣ, шохиси сатҳи маълумотнокӣ, шохиси давомнокии миёнаи умр, даромади умумии миллӣ ва маҷмӯи маҳсулоти миллиро ба хар сари аҳолӣ таҳлилу возеҳ намудааст, таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи ҷаҳонро оид ба рушду ташаккул додани ин сармояи муҳими ҷамъиятӣ баррасӣ ва нақши онро дар рушди иқтисодиёти муосир муайян намудааст (с.143-159). Ҳамзамон, риштаҳои муосири омоданамоии мутахассисонро дар кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон

омӯхта, аҳаммияту муҳиммияти онҳоро баррасӣ мекунад ва дар натиҷаи дида баромадани таҷрибаи бештари донишгоҳҳои кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон оиди омоданамоии мутахассисон бо касбҳои нави муосири ба ҷамъият муфидро пешниҳод менамояд (с.159-175).

Боби чоруми диссертатсия **«Таҳлили вазъи маълумотгирии олии касбӣ, ҳолати бозори меҳнат, сатҳи даромад ва дараҷаи зисти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, дар он унвонҷӯ вазъи маълумотгирии олии касбиро ҳамчун омили такомулёбии сармояи инсонӣ муайян менамояд ва мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Дар ҳамин ҷо ҳамчунин таҳлили ҳолати бозори меҳнати ҷумҳуриро дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт гузаронида, сатҳи даромад ва дараҷаи зисти аҳолии мамлакатро ҳамчун сарчашмаи асосии такомулёбии сармояи инсонӣ арзёбӣ менамояд (с.176-237).

Чунончӣ муаллиф қайд менамояд, дар шароити муосири инноватсионӣ ҳаёти ҷомеа дигаргун гардида, дар навбати худ вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии зиндагии аҳолӣ низ тағйир ёфтааст. Барои ҳамин ҳам Ҳукумати ҷумҳурӣ вазъияти ба амал омадаи соҳаи маориф ва илмро хуб дарк намуда, оид ба боз ҳам маълумотнок гардонидани аҳолии кишвар ҷаҳду талошҳо дорад. Аз ин лиҳоз, муаллиф маълумотҳои раванди маълумотгириро дар мамлакат таҳлилу баррасӣ намуда, ба воситаи модели регрессионӣ манфиатнокии зиёд намудани сармоягузориро ба соҳаи илм ва маориф дар амал нишон дода асоснок намуда аст (с.176-197). Ҳолати имрӯзаи бозори меҳнати Ҷумхурии Тоҷикистонро муаллиф таҳлилу баррасӣ намуда, тағйирёбии нишондиҳандаҳои аҳолии машғули кор аз рӯйи шакли моликият, захираҳои меҳнатӣ, қувваи корӣ ва дараҷаи бекорӣ, талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ дар бозори меҳнат, дараҷаи бекорӣ, тақсимоти бекорон аз рӯйи дараҷаи маълумотнокӣ ва инчунин тақсимоти шумораи кормандони дар шароитҳои номусоид фаъолият кунандаро дида баромада, ба хулосаҳои мушаххас омадааст (с.197-217). Дар ҳамин боб унвонҷӯ сатҳи даромад ва дараҷаи зисти аҳолиро ҳамчун сарчашмаи асосии рушду инкишофи сармояи инсонӣ қайд намуда, кӯшиш ба харҷ овардааст, ки сатҳи даромаднокии аҳолӣ ва тағйирёбии онро дар ҷамъ ва истифодаи даромадҳо таҳлилу баррасӣ намояд. Ҳамчунин, нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ, тағйирёбии ММД, содироти мол, сармоягузориҳо ва интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ аз тарафи муаллиф таҳқиқ гардида, чорабиниҳо оиди истеҳсоли молу маҳсулотҳои ватанӣ дар асоси рушду ташаккул додани сармояи инсонӣ пешниҳод карда шудаанд. Мувофиқи ақидаи

муаллиф, дониш ҳамчун нерӯи инсонӣ, бояд доим сайқал дода шавад, чунки донишҳои муосири замонавӣ идеяҳои нав ба навро эҷод менамоянд (с.217-237).

Дар боби ниҳоӣ **«Самтҳои инкишофёбандаи идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир»** рушд ва ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ муайян шуда, коркарди такмилёбии идоранамоии стратегии кормандон дар менеҷменти муосири касбӣ ва дигаргунсозии раванди таълиму беҳтар намудани сифати таҳсилот дар ташаккули сармояи инсонӣ пешниҳод гардидаанд (с. 238-291).

Муаллиф оид ба рушд ва ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ таҳқиқот гузаронида муайян намудааст, ки рушди устувори иқтисодиёт бо сатҳи таҳаввулоти сармояи инсонӣ, иқтидори таълимӣ ва рушди демографӣ зич алоқаманд мебошад. Ба ақидаи ӯ рушду ташаккул додани сармояи инсонӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ аз низоми мустаҳками соҳаи маориф, алоқамандии он бо раванди истеҳсолот ва ҳамкории судманду гуногунҷабҳаи онҳо ба роҳ монда мешавад. Ҳамчунин, дар ҳамин ҷо низоми таҳсилоти бефосилаи касбӣ ва модели кластери таълимӣ оид ба рушди сармояи инсонӣ коркард ва пешкаш карда шудааст, ки ба фикри мо, нақши муайянеро дар рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ хоҳад гузошт (с.238-258). Оиди такмили идоранамоии стратегии кормандон дар менеҷменти муосири касбӣ унвонҷӯ таҳқиқ гузаронида, қайд менамояд, ки дар корхонаҳо ва ташкилотҳои хурду бузурги мамлакат норасоии мутахассисони баландихтисос яке аз масъалаҳои мубрами рӯз мебошад. Шароити имрӯзаи иқтисодиёт бошад, талаб менамояд, ки захираҳои маҳдуди иқтисодӣ хубтару беҳтар истифода гарданд, ки инро танҳо мутахассисони дорои дониши тавонманди касбӣ метавонанд ба роҳ монанд. Ҳамчунин, дар ин қисмат, муаллиф механизмҳои мотиватсионии таъминнамоии кадрҳоро дар ширкату корхонаҳо пешкаш намудааст, ки дар мутобиқшавӣ ба шароитҳои мавҷуда, қодир будан ба эҷодкориҳо, моил гардидан ба омӯзиш ва расидан ба дараҷаи баланди касбии командонро дар бар мегирад (с. 258-274). Ҳамин тариқ, дар зербоби ниҳоии кори диссертатсионӣ дигаргуниҳои раванди таълим ва беҳтарсозии сифати таҳсилот дар ташаккули сармояи инсонӣ таҳқиқ карда шуда, баланд бардоштани сифати раванди таълим ва таҳсилот ташаккулдиҳандаи сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии он дар шароити инноватсионии иқтисодиёт дониста шудаанд. Чуноне, ки муаллиф қайд менамояд, ташаккулёбии сармояи инсонӣ вобаста ба шароити муосир

водор ба он менамояд, ки беҳтарин моделҳои муосири тарбияи насли навро дар донишкадаю донишгоҳҳои олӣ роҳандозӣ бояд сохт. Ҳамчунин, дар ин қисмат муаллиф муосиртарин моделҳои омӯзиширо таҳқиқу баррасӣ намуда, ҷанбаҳои мусбии онҳоро барои донишкадаю донишгоҳҳои кишвар пешниҳод намудааст (с.274-291).

Дар интиҳои кор натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар намуди хулоса ва пешниҳодот мувофиқ ба мақсадҳои гузошта шуда ва вазифаҳои ҳалшаванда пешкаш карда шудаанд (с.292-300), инчунин руйхати адабиёт (с.301-337) ва интишороти муаллиф аз рӯйи мавзӯи диссертатсия (с.338-355) оварда шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикргардида.**

Ақидаҳои асосии назариявӣ-методологии муаллиф, асосноккунии ҷанбаъҳои назариявӣ-методологии такмили идоракунии сармояи инсониро дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосирро дар бар гирифта, дар таҳияи тавсияҳои пешниҳод гардида амалӣ карда мешаванд.

Натиҷаҳои асосии илмӣ ва тавсияҳои пешниҳод кардашудаи муаллиф имконият медиҳанд, ки донишҳои илмӣ оид ба рушди идоракунии самараноки сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт истифода бурда шаванд. Ҳамзамон, натиҷаҳо ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионии гузаронида шуда дар таҳияи барномаи стратегии рушди сармояи инсонӣ вобаста ба шароити муосири иқтисодиёт дар соҳаҳои иқтисодӣ метавон мавриди истифода қарор дод.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он инъикос меёбад, ки натиҷаҳои ба даст овардаи муаллифро муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳангоми асосноккунии равишҳои муосиртарини рушду такомули сармояи инсонӣ метавонанд истифода баранд. Дар баробари ин, тавсияҳои мушаххаси аҳаммияти амалидоштаи таҳқиқотро ҳангоми таҳияи барномаҳо, лоиҳаҳо ва нақшаҳои стратегии рушди сармояи инсонӣ дар сохторҳои дахлдори соҳа истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои ба даст овардаи муаллиф, ки аҳаммияти амалӣ доранд, ба такмили шаклу усулҳо, истифодабарӣ ва рушди сармояи инсонӣ мусоидат намуда, барои баланд бардоштани самаранокии идора намудани он дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт мусоидат менамояд.

Муқаррароти назариявӣ ва методии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар раванди таълим ҳангоми таҳияи нақшаҳои таълимӣ, васоити таълимӣ,

дастурҳо ва матни лексияҳо аз фанҳои «Идоракунии сармояи инсонӣ», «Идоракунии захираҳои меҳнатӣ», «Иқтисодиёти меҳнат», «Менеҷмент ва маркетинг», «Менеҷменти кадрӣ», «Менеҷменти молиявӣ», «Менеҷменти байналмилалӣ», «Назорати ҳайати кормандон», «Санъати роҳбарӣ» ва ғайраҳо, ки донишҷӯён, магистрантҳо ва докторантони PhD аз рӯйи ихтисосҳои иқтисодӣ истифода мебаранд, бо санади муайяни қайд гардида аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқи худро ёфтааст.

Натиҷаи асосии амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва дар амал татбиқ карда шудаанд.

## Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

**Аҳаммияти илмии** таҳқиқоти гузаронида шуда, дар асосноккунии назария ва методологияи такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир дониста мешавад. Дар диссертатсия аз ҷиҳати назариявӣ мундариҷаи иқтисодии сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии он таҳқиқ карда шуда, асосҳои назариявии сармояи инсонӣ, рушду такомули унсурҳои асосӣ, равишҳои методологии идоракунии сармояи инсонӣ, тамоюли рушди иқтидори кадрӣ ва таҳлили омилҳою унсурҳои самаранок истифодабарии он, таҳлилҳо, баррасиҳо ва омӯзиши таҷрибаи хориҷии идоракунии сармояи инсонӣ, риштаҳои муосири омоданамоии мутахассисон дар кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон, вазъи маълумотгирии олии касбӣ, ҳолати бозори меҳнат, сатҳи даромаду дараҷаи зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ниҳоятан самтҳои асосии рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт муайян карда шудаанд.

**Аҳаммияти амалии** кори диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳод ва тавсияҳои дар диссертатсия коркард шуда метавонанд нақши муайянеро дар рушд ва ташаккулёбии сармояи инсонӣ гузоранд. Инчунин, рушду ташаккул додани унсурҳои асосии сармояи инсонӣ боиси ба як қувваи бузург табдил гардонидани онро нишон медиҳад. Мувофиқ ба тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, вобаста ба тағйирёбиҳо ва ҳолатҳои ба амал омада, зарурати самаранок идора кардани сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии онро ба миён оварда аст. Бинобар ин, дар ҳолати дар амал тадбиқ гардидани он, ташаккулёбии

сармояи инсонӣ мушоҳида гардида, боиси вусъат ёфтани рушди иқтисодиёти кишвар мегардад.

**Аҳаммияти иқтисодии** натиҷаҳои диссертатсия дар он аст, ки пешниҳодҳои муаллиф барои такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир мусоидат менамоянд. Фаъолияти устувори соҳаи маориф ва илми кишвар дар ҳамбастагӣ бо дигар соҳаҳои ба он алоқаманд ва муносибати доимии онҳо рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ ва самаранок идора кардани онро нишон медиҳад. Ҳамзамон, муносибатҳои доимӣ ва ногусастании соҳаҳои асосии иқтисодиёт рущду ташаккулёбии сармояи инсониро таъмин намуда, тайёр намудани мутахассисони мувофиқ ба талаботҳои асосии бозори меҳнатро омода менамоянд, ки кафолати бо ҷои кори доимӣ таъмин будани онҳоро медиҳад.

**Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Муқарароти кори диссертатсионӣ аҳаммияти иҷтимоӣ дошта, бештар дар омода кардани мутахассисони мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат, таъмин бо ҷойҳои кории мусоид, баланд бардоштани дараҷаи даромадҳо ва беҳбуд бахшидан ба сатҳи зиндагии онҳо дониста мешавад. Ҳамчунин, сармояи инсонии рушду ташаккулёфта зиндагонии осоиштаро барои аҳолии кишвар таъмин намуда, раванди такрористеҳсолшавии насли солимро ба вуҷуд меоварад. Тарбия кардани насли солим дар ҳама давру замон ба низоми дуруст ва бехатари ҷамъият вобаста буда, онро пеш аз ҳама мутахассисони донишманд ва кордида ба амал меоваранд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Аз рӯйи маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ 96 кори илмӣ, аз он ҷумла 2 монография ва 36 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст. Инчунин, муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баррасӣ гардидаанд.

**Мутобиқати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Диссертатсияи тақризшаванда мутобиқ ба муқаррароти бандҳои дахлдори «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани унвони илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) омода гардида, ба талаботҳои он ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамзамон, дар ҳамин радиф бояд қайд намуд, ки рисолаи дисертатсионӣ сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои ба даст овардаи Искандарзода Ҳофиз Ҳаким соҳиби арзиши муайяни илмӣ мебошад ва месазад, ки дар амалия ҳангоми рушду инкишоф додани сармояи инсонӣ ва самаранок истифодабарии он дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир истифода бурда шавад. Диссертатсия бо забони возеҳ ва фаҳмо бо истифода аз истилоҳоти қабул гардида навишта шудааст.

Автореферат, ки аз кори диссертатсионӣ бармеояд ва ба талаботи «Тартиби додани унвони илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) тасдиқ шуда ҷавобгӯ мебошад.

**Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Дар баробари бартариятҳои дар боло зикр гардида, кори диссертатсионии ба тақриз пешниҳод шуда дорои як қатор норасоиҳои зерин низ мебошад.

1. Дар зербоби 1.1 ҳангоми дида баромадани назарияи сармояи инсонӣ ва мухтавою мундариҷаи он дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт нуқтаи назари кам олимону муҳақиқони ватанӣ қайд гардидаанд.
2. Ба фикри мо дар зерқисмати 2.1 ҳангоми дида баромадани методологияи идоракунии сармояи инсонӣ равишҳои таҳқиқшавандаи арзёбиҳо дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт беҳтар мегардид, ки гурӯҳбандӣ карда мешуданд.
3. Дар зерқисмати 2.3 хусусиятҳои тавсифии омоданамоии кадрҳо мувофиқ ба талаботи рушди иқтисоди рақамӣ оварда шудаанд ва муаллиф хусусиятҳои хос ва фарққунандаи иқтисоди рақамиро нисбат ба иқтисоди имрӯза шарҳу тавзеҳ додааст, вале агар шумораи ин нишондиҳандаҳо бештар мебуд, ба манфиати кор мешуд.
4. Дар зерқисмати 3.2 унвонҷӯ таҷрибаи давлатҳои хориҷро арзёбӣ намуда, қайд накардааст, ки истифодаи таҷрибаи кадоме аз онҳо барои кишвари мо муфид аст.
5. Асоси модели кластери таълим оид ба рушди сармояи инсониро, ки муаллиф пешниҳод намудааст (расми 10), ҳамбастагии раванди таълим ва истеҳсолот ташкил мекунад, вале ӯ муайян накардааст, ки бунёди чунин марказҳо аз кадом манбаъҳо ба роҳ монда мешавад.
6. Дар хулоса ва пешниҳодот натиҷаҳои илмӣ ва амалии дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронида шуда ба даст овардаи муаллиф пешниҳод гардидаанд. Ба фикри мо, агар ин пешниҳодҳо вобаста ба хусусиятҳои

зинавиашон гурӯҳбандӣ мегардиданд, дар амал тадбиқ гардонидани онҳо беҳтару осонтар мегардид.

Бояд қайд намуд, ки камбудӣ ва норасоиҳои дар боло номбар шуда, хусусиятҳои тавсиявӣ дошта, ба мазмуну муҳтавои кори диссератсионии иҷрошуда таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва сатҳи назариявӣ, методологӣ ва амалии онро коҳиш намедиҳанд.

**Хулоса**

Дар умум, кори диссертатсионии тақризшаванда дар сатҳи баланди илмӣ-амалӣ иҷро гардида, таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ-тахассусиро ифода менамояд.

Ҳамин тавр, қайд намудан бамаврид аст, ки диссертатсияи илмии Искандарзода Ҳофиз Ҳаким дар мавзуи «Такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир: назария, методология, амалия» аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи бандҳои 32, 33, 34 ва 35 «Тартиби додани унвони илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурдашуда мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
профессори кафедраи
«Менеҷмент ва маркетинг»-и
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон
д.и.и., профессор Амонова Д.С.
04.06.2025

Суроға: ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30
Телефон: 918-74-94-94 E-mail: dilbar_amonova@mail.ru

**Имзои Д.С. Амоноваро тасдиқ мекунам:**

Сардори шӯъбаи кадрҳои Донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон Раҳимов А.А.

Суроғаи муассиса: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30.
Телефон: (+992) 37 221-35-50, E-mail: rtsu.tj